# Маҷлиси тантанавӣ бахшида ба ифтихори 32-юмин солгарди Истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Опубликовано 7 сентября, 2023 - 15:55 пользователем Ҳайати тадорукот
[1]

Бо мақсади иҷрои банди 2.4.- Нақшаи кори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи дуюми соли 2023 ва Нақшаи чорабиниҳои Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба таҷлили Рӯзи Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзи

7-уми сентябри соли равон маҷлиси тантанавӣ бахшида ба ифтихори 32-юмин солгарди Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кумита баргузор гардид, ки дар он Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа Эмомалӣ Насриддинзода, Мушовири калони бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа, роҳбарият ва кормандони Кумита иштирок намуданд.

Маҷлисро суханронии раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳусни оғоз бахшида, сипас Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа, профессор Эмомалӣ Насриддинзода оид ба накши Истиқлол дар ҷомеаи соҳибихтиёри мо ва аҳаммияти таърихии он барои минбаъдаи ободи кишварамон суханронӣ намуда, саҳми Пешвои миллатро дар шукуфоии кишварамон бузург арзёбӣ кард. Ҳамзамон, Мушовири калони бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа Н. Оқилзода аз шукӯҳи соҳибистиқлоли кишварамон ва рушду густариши забони давлатӣ дар ин давра суханронӣ намуд.

Дар чорабинӣ, ҳамчунин, аз ҷониби барномасози Кумита ва узви маҳфили «Посодорон ва дӯстдорон»-и Кумита Ибрагимов В.М., ки барномаи «Mozilla Firefox»-ро бо забони тоҷикӣ таҳия намудааст, рӯнамоӣ гардид, ки он аз рӯзи 9-уми майи соли 2023 дар шабакаи Интернет ҷой дода шудаву фаъол мебошад.
Ёдовар шудан бамаврид аст, ки забони тоҷикӣ бо чунин барномаи интернетӣ неру ва тавонмандии воқеии худро дар ҷаҳон нишон дода, дар барномаҳои ҷаҳонӣ муаррифӣ мешавад, ки дар байни 190 забон дар даҳ ҷойи аввали забонҳои шабакаи интернетӣ қарор дорад.

Дар анҷом, Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа Эмомалӣ Насриддинзода ба ҳуқуқшинос, узви Ҳайати мушовараи Кумита – Мансурӣ Шодмон Ҷамолиддинзода медали «Хизмати шоиста»-ро аз номи Пешвои миллат тақдим намуда, иштирокдорони маҷлисро барои арҷгузорӣ ба забон ва эҳтиром ба ҳама муқаддасоти олиамон, аз ҷумла, Забон ва Истиқлол даъват карда, саҳмгузорӣ ва ҳамкориҳои пайвастаро бо Кумита дар таҳкими пешбурди сиёсати давлатии забон дар кишвар муҳим арзёбӣ намуда, ҳозиринро ба Ҷашни нурасратёби Истиқлоли давлатӣ табрик намуданд.

**Масъули ВАО**
**Раҳим Зулфониён**
**Сардори шуъбаи танзими истилоҳот**

**Рейтинг контента:** 5

Средняя оценка: 5 (2 голос)

Rate

## Категория:

- Ахбори рӯз [2]

-

-

- 

- 

-

-

- 

**Источник::**http://kumitaizabon.tj/ru/node/6952?mini=2025-05

**Ссылки**
[1] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/field/image/IMG-20230913-WA0017.jpg [2]
http://kumitaizabon.tj/ru/taxonomy/term/10 [3]
http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20230913-WA0011.jpg [4]
http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20230913-WA0012.jpg [5]
http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20230913-WA0013.jpg [6]
http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20230913-WA0014.jpg [7]
http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20230913-WA0015.jpg [8]
http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20230913-WA0016.jpg [9]
http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20230913-WA0017.jpg [10]
http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20230913-WA0018.jpg [11]
http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20230913-WA0019.jpg [12]
http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20230913-WA0020.jpg [13]
http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20230913-WA0022.jpg [14]
http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20230913-WA0023.jpg